**Тақриз**

**ба кори диссертатсионии Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи “Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)**

Раҳмонов Самандар Давлаталиевич – омӯзгори кафедраи фанҳои гуманитарии МДТ “Коллеҷи тибии ҷумҳуриявӣ” аз соли 2021 инҷониб ба омӯзиши таърихи фалсафа ва мавзуи мазкур машғул аст. Дар ин давра диссертант маводҳои зиёдеро оид ба эҷодиёти мутафаккири тоҷик Аҳмади Дониш, маорифпарварон ва ҷараёни ҷадидия, ки ба проблемаҳои иҷтимоӣ бахшида шудаанд, ҷамъоварӣ ва коркард намудааст. Натиҷаи таҳқиқот ва ҷустуҷӯҳои ӯ дар мақолаҳои илмӣ оид ба паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти маорифпарварии Аҳмади Дониш ва ислоҳотхоҳии ҷадидия дарҷ гардидаанд.

Кори диссертатсионии Раҳмонов С.Д. “Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро” ба муайян намудани масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз дидгоҳи Аҳмади Дониш ва таҳлили муқоисавии таърихӣ-фалсафии он бо ҷадидия бахшида шудааст. Унвонҷӯ барҳақ исбот намудааст, ки фаъолияти илмӣ ва ислоҳотии Аҳмади Дониш бисёрҷанба буда, таҳқиқоти зиёд ба он бахшида шуда бошанд ҳам, то ҳол онҳо ба омӯзишу пажуҳиш аз нигоҳи илми муосир ниёз доранд. Дар замони шуравӣ афкори фалсафии Аҳмади Донишро «фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ» шинохтаанд. Вале дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ дар кишвари мо баъзе олимон таълимоти ӯро “ислоҳотхоҳии динӣ” ё “ислоҳталабии динӣ” номгузорӣ кардаанд, ки

чунин баҳогузорӣ ба муҳтавои асарҳои донишманд мувофиқ набуда, дур аз воқеият мебошад.

Чи тавре, ки диссертант иброз медорад, таҳти таъсири афкори пешқадами кишварҳои мутамаддин андешаҳои волои навгароӣ ва раҳоӣ аз ҳама гуна ҷаҳолатҳои асримиёнагӣ дар таълимоти маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш пайдо шуда, онҳо дар тафовут аз афкори дигар маорифпарварони Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ақидаҳои воқеӣ ва асоснок, инчунин дунявию ратсионалӣ буда, тамоми масъалаҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеаро фаро гирифтаанд. Ақидаҳои иҷтимоии ин мутафаккир дар заминаи арзишҳои фарҳангӣ ва адабии тоҷикӣ-форсӣ ташаккул ёфтаанд, ки боиси пайдоиши андешаҳои тоза гардидаанд.

Навгонии илмии мавзуи диссертатсияи Раҳмонов С.Д. аз он иборат аст, ки дар он аввалин бор дар илми ватанӣ масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш ва намояндагони ҷадидия бо истифода аз методи муқоисавӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст. Ҳамзамон, унвонҷӯ осори Аҳмади Дониш, аз ҷумла девони ашъори омӯхтанашудаи ӯ ва таҳқиқи онҳоро аз нигоҳи методологияҳои гуногун дар замони шуравӣ ва даврони муосир ба таври муназзам тавсиф карда, хусусиятҳои ҳаракати маорифпарвариро дар аморати Бухоро таҳти таъсири маорифпарварии Ғарб, хусусан Россия, инчунин панисломизм ва пантуркизм мушаххас сохтааст. Дар диссертатсия омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-динии боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ мушаххас гардида, умумият ва фарқиятҳои дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX нишон дода шудааст, омилҳои ниёз доштани ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар аморати Бухоро аз нигоҳи Аҳмади Дониш мушаххас гардида, роҳҳои асосии ислоҳи онҳо дар таълимоти мутафаккир дар қиёс бо намояндагони дигари ҳаракати маорифпарварӣ муайян шудаанд. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки орӣ аз унсурҳои панисломизму пантуркизм будани ақидаҳои

ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш ва такя кардани ӯро ба андешаҳои миллии ориёӣ нишон диҳад ва ғайра.

Натиҷаҳои илмии дар диссертатсияи Раҳмонов С.Д. ба даст омада ба ақидаҳои фалсафӣ-иҷтимоии Аҳмади Дониш ва ҷадидия равшанӣ андохта, аҳаммияти хосси назариявӣ ва амалӣ доранд, зеро онҳоро дар оянда дар таҳқиқи осори ислоҳотхоҳонаи иҷтимоии дигар мутафаккирони асри XIX ва ибтидои асри XX метавонанд истифода намуд. Дар баробари ин, маводи диссертатсия барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, маводи лексионӣ ва семинарӣ аз фанҳои мухталифи фалсафӣ судманд ба ҳисоб мераванд.

Диссертатсияи Раҳмонов С.Д. "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро" аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ осори Аҳмади Дониш тавсиф дода шуда, методологияҳои омӯзиши он дар замони шуравӣ ва даврони муосир муайян карда шудаанд. Инчунин, моҳияти ҳаракати маорифпарварӣ дар таърихи башарият ва хусусиятҳои он дар аморати Бухоро нишон дода шуда, нишонаҳои муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихию адабӣ мушаххас гардидаанд.

Дар натиҷаи ин, унвонҷӯ ба хулосае расидааст, ки дар замони шуравӣ файласуфони тоҷик афкори фалсафии Аҳмади Донишро баҳогузорӣ карда, онро бо унвони «фалсафаи иҷтимоии маорифпарварӣ» муаррифӣ намудаанд. Аммо дар ибтидои замони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе олимон фалсафаи динро ба афкори сиёсӣ-иҷтимоии мутафаккири маорифпарвар пайванд карда, таълимоташро "ислоҳотхоҳии динӣ" номгузорӣ кардаанд, ки чунин баҳогузорӣ ба муҳтавои асарҳои донишманд мувофиқ набуда, дур аз воқеият мебошад.

Аз ҷониби дигар, дар таҳқиқот собит шудааст, ки ҳаракати маорифпарварӣ дар аморати Бухоро дар ин минтақа низ дар асри XIX ташаккул ёфта рушд намуд. Мутафаккирони тоҷик, ки дар сафи пеши онҳо Аҳмади Дониш қарор дошт, усули роҳбарии амирони манғитиро зери танқид қарор дода ва мактабҳо бо методҳои нави таълиму омӯзиш ташкил намуда, мехостанд мардумро босавод кунанд, бо дастовардҳои илму техника дар кулли олам шиносоӣ диҳанд ва бо ин роҳ дар аморати Бухоро вазъи иҷтимоиро куллан тағйир диҳанд. Ҳамзамон, уновнҷӯ нишон медиҳад, ки омили асосии боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ ин золимию хунхорӣ ва ноуҳдабароии амирони он буда, омилҳои дигари сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ-динӣ ва амсоли он низ ба қафомонадагии аморат мусоидат карданд. Ҳамаи ин сабабгори танқиди шадиди ҳаёти ҷомеа аз ҷониби маорифпарварон, махсусан Аҳмади Дониш ва пешниҳоди ақидаҳои онҳо оид баислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро гардид.

Дар боби дуюми диссертатсия дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX, масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар афкори Аҳмади Дониш ва бартарии ақидаҳои Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ таҳлил ва хулосабарорӣ карда шудаанд.

Дар асоси таҳлилу баррасиҳои ин масъалаҳо унвонҷӯ чунин хулоса мекунад, ки нисбат ба дигар маорифпарварони Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ақидаҳои Аҳмади Дониш воқеӣ ва асоснок, инчунин дунявию ратсионалӣ буда, тамоми масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаро фаро гирифтаанд. Ӯ на танҳо омилҳои қафомондагии ҷомеаи давронашро муайян кардааст, балки роҳҳои бартараф кардани онҳоро низ аз нигоҳи илмӣ мушаххас намудааст. Барои бартараф сохтани норасоиҳо Аҳмади Дониш на чун пешгузаштагон бунёди ҷомеаи ормонӣ, балки ислоҳотро пешниҳод мекунад. Аз ҷониби дигар, Аҳмади Дониш дар ақидаҳои худ

оид ба масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро ба андешаҳои пешқадами миллӣ такя мекунад. Мутафаккир дар пояи миллатдӯстӣ ва ватанпарварӣ ақида баён намуда, дастпарварди мактабҳои таҳмилии хориҷ аз қаламрави аморати Бухоро набуд. Аз ин рӯ, аз ҷониби баъзе муҳаққиқон дар баробари ҷадидия аз ислоҳотхоҳони динӣ шумурдани таълимоти маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ягон асоси илмӣ надорад.

Дар маҷмуъ, кори диссертатсионии Раҳмонов С.Д. “Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро” таҳқиқи илмии мантиқан анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва дар раванди омӯзиш маводҳои зиёди дорои мундариҷаи фалсафию иҷтимоиро, ки мазмуни мавзуи матраҳшударо ифода мекунанд, мавриди омӯзиш қарор додааст. Диссертант дар ҷамъоварии маводҳои мавзуи илмӣ, маънидод намудан ва баҳо додан ба ақидаҳои илмии муттафакирон донишу малакаи хуб нишон додааст. Дар раванди таҳқиқи масъалаҳои фалсафӣ ва илмӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва забонӣ, таҳлили саволҳои мавҷуда истеъдод ва савияи дониши худро такмил додааст.

Диссертант шахсан дар марҳилаҳои ҷамъоварии ахборот, коркард, таҳияи мақолаҳо оид ба мавзуи таҳқиқшаванда иштирок намудааст. Бо муҳтавои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот муаллиф дар конференсияҳои илмӣ ва илмию амалии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок ва баромад намудааст.

Мақолаҳо ва автореферати диссертатсия дар худ муҳтавои умумии кори илмиро таҷассум намуда, ба талаботҳои мавҷуда оид ба таҳқиқоти илмии гузаронидашуда ҷавобгӯ мебошанд.

Дар асоси қайдҳои дар боло зикршуда зарур мешуморем, ки муаллифи кори диссертатсионӣ таҳти мавзуи “Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро” – Раҳмонов Самандар Давлаталиевич ба

гирифтани дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) сазовор дониста шавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор,**
**ҷонишини деректори институти Институти**
**фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи**
**А.Баҳоваддинови АМИТ** **Зиёӣ Х.М.**

**Суроға:** ш Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Mail:** kziyoev@yandex.ru
**Имзои Зиёӣ Х.М. – ро тасдиқ менамоям.**
**Мутахассиси кадрҳои**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ**
**ва ҳуқуқи АМИТ** **Б. Абдураҳмонзода**

06.02.2025